**ТАҚРИЗИ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**

оид ба кори диссертатсионии Боқизода Домулло Зафарҷон дар мавзӯи «Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз»)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия.

Боқизода Домулло Зафарҷон, соли 2013 ба Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба факултети электромеханика дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси 430103-01 (Таъмини корхоҳонаҳои саноатӣ бо барқ) хатм намуд.

Аз моҳи январи соли 2020 то инҷониб унвонҷӯи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон буда, дар мавзӯи «Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз»)» кори диссертатсионияшро иҷро намуд.

**Баҳои кори диссертатсионӣ**

Кори диссертатсионии Боқизода ба «Тозакунии обҳои шорандаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ аз металлҳои вазнин (дар мисоли ҶДММ «Тоҷфилиз»)» бахшида шудааст. Интихоби ин мавзӯъ сабаб дар он буд, ки оби шорандаи ҶДММ “Тоҷфилиз” бе пешакӣ тоза намудан аз ҳар гуна ифлоскунандаҳо ба канализатсия партофта мешавад. Дар раванди иҷрокунии кори диссертатсионӣ Боқизода Д.З. бо усулҳои бо реагент такшонкунӣ ва коагулятсионӣ параметрҳои оптималии тозакунии оби шорандаро муайян намуда дар асоси онҳо нақшаи технологии тозакунии оби шорандаро аз ифлоскунандаҳо кор карда баромад. Оби аз ифлоскунандаҳо тозашуда ба меъёрҳои оби техникӣ ҷавобгӯ буда, ҳамчун манбаи об барои омода намудани маҳлули корӣ аз нав истифода бурда мешавад, ки ин ба мақсад мувофиқ аст.

Кори диссертатсионии Боқизода Д.З. дар дараҷаи баланди илмӣ иҷро карда шудааст. Хулосаҳо ва ҳолати кори диссертатсионӣ ба дараҷаи кифоягӣ бо натиҷаҳои таҷрибавии ба даст омада маънидод карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар бандҳои зерин зоҳир мегарданд:

- таҳқиқи таркиби физикию химиявии маҳлули коркардшудаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ;

- таҳқиқи раванди беоҳангардонии маҳлули коркардшудаи истеҳсолоти масолеҳи маҳкамкунӣ;

- таҳқиқи вобастагии дараҷаи тозакунии маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми параметрҳои гуногун;

- таҳқиқи тағйирёбии электроноқилияти хос, дараҷаи шӯрӣ ва TDS-и маҳлул ҳангоми истифодабарии усулҳои химияӣ ва коагулятсионӣ;

- таҳқиқи таъсири pH-и муҳит ба раванди тоза кардани маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис бо усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ;

- таҳқиқи таъсири ҳарорат ба раванди аз руҳ, оҳан ва мис тоза кардани маҳлули коркардшуда бо усули коагулятсионӣ;

- таҳқиқи вобастагии тирагии маҳлул аз омилҳои раванди тозакунии маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми истифодабарии усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ;

- тартиб додани нақшаҳои нави асосии технологии раванди тоза кардани маҳлули коркардшуда аз руҳ, оҳан ва мис ҳангоми истифодабарии усулҳои химиявӣ ва коагулятсионӣ.

**Арзиши амалии таҳқиқот.** Дар айни замон захираи об манбаи асосии тараққиёти ҳар як корхона мебошад. Аз ин нуқтаи назар, ҳифзи чунин сарчашмаҳо дар мадди аввал меистад. Аз ин рӯ, барои ифлос нашудани манбаҳои оби тоза, бояд маҳлули коркардшударо пеш аз ба объектҳои обӣ ё корез партофтан ба андозаи зарурӣ тоза кардан лозим аст. Бо ин роҳ, бехатарии муҳити зист таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, натиҷаҳои таҷрибавии ба даст овардашуда, ки дар кори диссертатсия оварда шудаанд,

назаррас буда, ба таъмини саломатии аҳолӣ ва беҳтар намудани бехатарии экологии минтақа нигаронида шудаанд.

Корҳои асосии таҳқиқотӣ дар озмоишгоҳи таҳлили оби Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон гузаронида шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқотии ба дастомадаро дар тайёр кардани бакалаврон ва магистрҳо барои ихтисосҳои 330101-05 «Ҳимояи муҳандисии муҳити атроф» ва 570101-03 «Мониторинги ҳолати муҳити атроф» дар кафедраҳои экология, обтаъминкунӣ ва обпартоии МОТ-и гуногун истифода бурдан мумкин аст.

Дар умум, Боқизода Домулло Зафарҷон худро ҳамчун муҳаққиқи бомаҳорат нишон дода, қобилияти хуби гузоштан ва ҳал намудани масъалаҳои илмиро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ Боқизода Д.З. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия арзанда мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
мудири кафедраи фанҳои табиӣ-илмии
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон (ДКМТ),
номзади илмҳои техникӣ, дотсент С.Қ. Ҳоҷиев

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш.Бӯстон, куч. А. Баротов, 6.
Email: saidmukbil@mail.ru
Тел.: +992 92 732 08 41

*Имзои дотсент Ҳоҷиев С.Қ.-ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори РК ва КМ-и ДКМТ* Н.А. Сулейманова